**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Имрӯз таъминоти нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо аз он вобаста аст. Ҳаёти ҳаррӯзаи одамонро низ бидуни истифодаи нерӯи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Чи тавре, ки аз мазмуни муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бар меояд, рушди имрӯзу фардои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз истифодаи боигарии асосии мамлакатамон, яъне захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии бузург дорад. Зеро ягон кишвари дунё бе рушди энергетика, инчунин коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад (саҳ. 4).

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти муҳим доштани соҳаи энергетика дар сиёсати давлатии Тоҷикистон зарурати танзими мушаххаси ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба рушди ин соҳа ба миён меояд. Дар ин соҳаи муҳими стратегӣ бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, инчунин андешидани тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву сарфакорона аз захираву имкониятҳои энергетикии кишвар, дуруст ба роҳ мондани истифодаи ҳарчи пурра ва самарабахши иқтидорҳои иншооти мавҷудаи энергетикӣ, андешидани тадбирҳо барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар дар навбати аввал меистад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло инчунин метавон қайд намуд, ки бо вуҷуди тақвият ёфтани нақши шартномаи таъмини барқ, як қатор масъалаҳои ба он марбут, аз ҷумла мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни он то кунун мавриди баҳсу мунозираи муҳаққиқон қарор доранд.

Андешаи муаллиф, ки зарурати анҷом додани тадқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ин масъалаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест, қобили дастгирӣ аст (саҳ. 5).

Мавзуи интихоб ва таҳқиқшударо бо назардошти ҳолати имрӯзаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи энергетика, ки асосан аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, дар ҳақиқат метавон мубраму саривақтӣ шуморид.

Ҷанбаи дигари мубрамияти мавзуи мазкур дар он аст, ки дар Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ ва санади стратегии ҳадафманд бо тарзи масъалагузорӣ ва шарҳи зарурати он, таҳлили мушаххас ва хулосабарориҳо соҳаи энергетика яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини иқтисодиёти кишвар қайд мегардад.

Бо вуҷуди таҳқиқотҳои дар бахши танзими ҳуқуқии таъмини барқ анҷомдодашуда, паҳлуҳои гуногуни ин масъала то кунун ҳалли илман асоснок ва якзайлаи худро наёфтаанд. Механизми кунунии танзими ҳуқуқии таъмини барқ бошад, аз камбудию, норасоиҳо холӣ набуда, ба коркарди таклифу тавсияҳои асоснок ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ниёзманд мебошад.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкурро аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ инчунин дар он метавон дид, ки тасвиб ва дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ва дар таҷриба истифода намудани онҳо метавонанд, баъзе мухолифати мавҷудро бартараф намуда, норасоӣ дар қонунгузории граждании кишварро пурра созанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** аввалан дар он ифода меёбанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили танзими шартномавии таъмини барқ ба таври комплексӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ то имрӯз мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифта буд.

Диссертатсияи мазкур, ки бори нахуст дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст, дар он муаллиф барои таҳлили комплексии ҷанбаҳои гуногуни танзими шартномавии таъмини барқ, инчунин таҳияи тавсияву пешниҳодоти амалӣ оид ба такмили механизми танзими ҳуқуқии шартномаи мазкур саҳми худро гузоштааст.

Сониян, муаллиф дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор нуқтаҳоро, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, барои ҳимоя пешниҳод намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар ва истифодаи

амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст, ки чунин арзёбӣ намудан мункин аст:

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст, ки энергия (нерӯи барқ) дар қатори неъматҳои моддӣ ҳамчун ашёи манқулаи беҷисм дар ҳуқуқи граждане ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад (муттасилӣ (ногуссастании) раванди истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия; энергияро бо дарназардошти хосиятҳои физикии он ғундоштан, андухтан, захира кардан, ба мисли дигар молҳо дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ доштан ғайриимкон аст; азбаски энергия ҳамзамон бо интиқоли он истеъмол карда мешавад, онро наметавон баргардонд; нерӯи барқ ва гармиро танҳо тавассути шабакаи пайвасткунӣ интиқол додан мумкин аст; нерӯи барқ осон ва зуд ба масофаи дур бо шабакаҳои барқӣ интиқол дода мешавад ва ғ.) (саҳ. 9-10).

Таҳлили муқаррароти мазкур аз навгонии он дарак дода, моро бовар мекунонад, ки дар ҳақиқат энергия (нерӯи барқ) дар қатори неъматҳои моддӣ ҳамчун ашёи манқулаи беҷисм дар ҳуқуқи гражданӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Навгонии муқаррароти мазкур инчунин дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар доираи зербоби 1.1. ва қисмати хулосавии диссертатсия бо ақидаҳои муаллифона мушаххасоти онро пурра шарҳу тавзеҳ додааст (саҳ. 25, 143).

2. Дар доираи муқаррароти нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф шартномаи таъмини барқро як намуди алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш меҳисобад, ки дар қиёс бо дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш танзими хоси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ҷумла: таҳвили мол ба истеъмолкунанда бо роҳи интиқоли энергия тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии ӯ сурат мегирад; ба зимаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи речаи истифодаи нерӯи барқ, бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус, ҳамчун энергия, гузошта мешавад; ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; нерӯи барқро ба мисли чизҳои дигар дар анборҳо нигоҳ доштан, ба миқдори зиёд, аз ҷумла дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан, ғайриимкон аст; энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс намудан ғайриимкон мебошад.

Зимни таҳлили хулосаҳои муҳаққиқон, рисоланавис андешаи муаллифонаи худро пешниҳод намудааст (саҳ. 10, 50, 136-137). Масъалаи мазкур дар доираи зербоби 2.1.-и диссертатсия низ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифтааст, ки аз дараҷаи навгонӣ доштани он дарак медиҳад.

3. Муаллиф дар доираи муқаррароти сеюм ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад, уҳдадории иловагиро ҳангоми додани нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад. Дар робита ба ин, муаллиф дар қ. 3, м. 576 КГ ҶТ вогузор намудани уҳдадориҳои муштариро ба зиммаи муштарии фаръӣ зимни интиқоли нерӯи барқ зарур медонад (саҳ. 10).

Дар заминаи таҳлили илмии адабиёти дахлдор ва санадҳои меъёрӣ рисоланавис ба хулоса омадааст, ки сарфи назар аз саросар ҷой доштани муносибатҳои субмуштаригӣ, онҳо дар қонунгузорӣ амалан ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Ба ин масъала танҳо моддаи 576 КГ ҶТ бахшида шудааст. Дар муносибатҳои субмуштаригӣ муштарӣ дар назди ташкилоти таъминоти энергия ҳамчун истеъмолкунандаи нерӯи барқ баромад мекунад, бинобар ин, барои аз тарафи муштарии фаръӣ иҷро накардан ё ғайридахлдор иҷро намудани уҳдадориҳо, муштарӣ масъул мебошад. Ҳамин тариқ, муштарӣ дар назди муштарии фаръӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ баромад мекунад. Азбаски интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ танҳо ҳуқуқи муштарӣ мебошад, пас вай метавонад ҳама вақт аз интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ даст кашад. Дар чунин ҳолат розигии ташкилоти таъминкунанда бо нерӯи барқ талаб карда намешавад (саҳ. 56-57).

Дар натиҷаи таҳлили масоили зикршуда муаллиф ба моддаи 569 КГ ҶТ дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ)-ро (дар саҳ.12) пешниҳод кардааст: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ уҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад уҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд».

4. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ва муштарӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҷавобгарии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда барои вайрон намудани уҳдадорӣ тибқи шартномаи таъмини барқ ба таваккал асос ёфта, бидуни гуноҳ фаро мерасад. Зимнан муштарӣ танҳо дар сурати ҷой доштани гуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (саҳ. 10-11).

Гуноҳ ҳамчун шарти ҷавобгарии гражданӣ дар шартномаи таъмини барқ дорои хосиятҳои худ мебошад. Чунончӣ барои ташкилотҳои таъминкунанда бо энергия ва истеъмолкунандагон, асосҳои ягонаи ҷавобгарии молу мулкӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ муқаррар карда шудааст. Муаллиф банди 1 моддаи 432 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок карда, қайд менамояд, ки ташкилотҳои таъминкунанда бо энергия ва муштариён – соҳибкорон ҳангоми вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавии худ, сарфи назар аз мавҷуд будан ё набудани гуноҳашон ҷавобгаранд, агар қонун ё шартнома тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд (саҳ. 100-101).

5. Муаллиф дар баробари руёнидани ноустуворона ва товони зиёни воқеӣ, дар шартномаи таъмини барқ руёнидани фоизҳоро барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр пешбинӣ намудааст. Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 426 КГ ҶТ, барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ ё гузаронидани муҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад, ки андозаи он бо дарназардошти ставкаи миёнаи фоизи бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ ё қисми дахлдори ин уҳдадорӣ муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин заминаи ҳуқуқӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки хуб мешуд агар руёнидани фоизҳо барои аз тарафи муштариён ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои пулии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, ба муқаррароти умумии моддаи 426 КГ ҶТ асос ёбад (саҳ. 11).

6. Бо муқаррароти моддаи 186 КГ ҶТ аҳдҳои байни шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ҳатман ба таври хаттӣ баста мешаванд. Рисоланавис қайд менамояд, ки азбаски яке аз тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда мебошад, пас қоидаҳои моддаи 186 КГ ҶТ нисбати онҳо низ татбиқ мешаванд. Аз ин лиҳоз муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қисми 2 КГ

ҶТ шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, туҳфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани шартномаи таъмини барқ муқаррар карда шавад (саҳ. 11).

7. Муаллиф ба таҳлили мазмуни моддаҳои қисми дуюми КГ ҶТ, ки ба шартномаи таъмини барқ бахшида шудаанд ва якчанд норасоиҳо дар ин моддаҳо ҷойдошта таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Якум, дар моддаҳои 569, 571 КГ ҶТ ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ», дар моддаҳои 570, 572, 574, 576, 578 ибораи «ташкилоти таъмини барқ» истифода шудаанд, дар ҳоле, ки чӣ аз лиҳози мазмун ва чӣ аз лиҳози таҳририӣ истифодаи ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» дуруст мебошад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, муаллиф дар моддаҳои зикршуда ба ҷои ибораҳои «ташкилоти таъминкунандаи барқ», «ташкилоти таъмини барқ», ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» – ро ба мақсад мувофиқ медонад. Дуюм, муаллиф қайд менамояд, ки номи шартнома «Таъмини барқ», ба мазмуну муҳтавои он созгор нест. Ба андешаи муаллиф дуруст мебуд, агар шартнома, «Шартномаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ», номгузорӣ мешуд (саҳ. 11-12).

Муаллиф бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории граждании вобаста ба шартномаи таъмини барқ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро мувофиқи мақсад медонад:

а) муаллиф пешниҳод менамояд, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ» ба «Таъмин бо нерӯи барқ» иваз карда шавад (саҳ. 12). Рисоланавис пешниҳоди мазкурро дар хулосаи кор (саҳ. 143) ба таври возеҳ шарҳ додааст. Қайд мегардад, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои умумӣ–ҳуқуқиро аз ҷумла муносибатҳои шартномавӣ-ҳуқуқиро дар соҳаи энергетика танзим менамояд. Мутобиқи моддаи 579 КГ ҶТ нисбат ба муносибатҳо оид ба таъмини газ, нафт, маҳсулоти нафтӣ ва дигар молҳо тавассути шабакаи пайваста қоидаҳои моддаҳои 569 – 579 татбиқ мешаванд. Таҳлил ва пешниҳоди илмии мазкур аз навгонии он дарак дода, моро бовар мекунонад, ки онро дастгирӣ намоем;

б) муаллиф дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ пешниҳод кардааст, ки баъди ибораҳои «аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок» энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи манқула ва беҷисм илова карда шавад. Навгонии мазкурро инчунин муаллиф дар доираи зербоби 1.1. ва қисмати хулосавии диссертатсия бо ақидаҳои муаллифона пурра таҳлили илмӣ намуда, шарҳу тавзеҳ додааст. Аз ҷумла қайд мегардад, ки энергия (нерӯи барқ) ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома

фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ намудани талаботи моддӣ ва маънавии инсон зарур аст (саҳ. 25, 143);

в) муаллиф ба мақсади муайян намудани мафҳуми шартномаи таъмини барқ чунин таҳрири қ. 1, м. 569 КГ ҶТ-ро пешниҳод кардааст: «Тибқи шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ухдадор мешавад фурӯши нерӯи барқ ба муштариро ба амал барорад, мустақиман ва мустақилона ё тавассути шахсони сеюм хизматрасониҳо ҷиҳати ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба муштарӣ интиқол додани нерӯи барқ ва дигар намуди хизматрасониҳои ба раванди таъмини муштарӣ бо нерӯи барқ алоқамандро анҷом диҳад, муштарӣ бошад ухдадор мешавад арзиши нерӯи қабулнамудаи барқ ва ҳақи хизматҳои ба манфиати он анҷомдодаро пардохт намояд, истифодаи бехатар, коршоямӣ ва бекамукостии шабакаҳои энергетикӣ, дастгоҳ ва таҷҳизоти дар ихтиёраш қарордоштаро таъмин намояд».

**Асоснок ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд,** пеш аз ҳама, тавассути таҳлили ақидаҳои илмии олимони намоёни соҳаҳои ҳуқуқи граждании, энергетикӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, мавриди таҳлили танқидӣ қарор додани ақидаҳои илмии ҷойдошта, вобаста ба масъалаҳои баҳснок муайян намудани мавқеи мустақили хеш, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ ба даст омадаанд, тасдиқ кардан мумкин аст. Дар баробари ин гуфтаҳо инчунин интишороти муаллиф ва манзур намудани қисме аз пешниҳоду нуқтаҳои дахлдори онҳо, ки дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили ҳамаҷониба ба даст омадаанд, ба мақоми олии қонунгузор (ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи соҳа) аз асоснок ва мавриди эътибор донистани онҳо шаҳодат медиҳанд. Зиёда аз ин, асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд дар он зоҳир меёбад, ки онҳо аз ҷониби муаллиф зимни баромад бо маърӯзаҳои илмӣ дар конфронс ва дигар нишастҳои илмӣ, инчунин тавассути нашри онҳо дар мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои гуногуни тақризшаванда ба тасвиб расидаанд.

**Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки чун қоида** мақсади асосии мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додани ҳар як мавзӯи муайян, пеш аз ҳама, муайян кардани паҳлуҳои норавшан ва мушкилоти гуногуни масоили таҳқиқшаванда, ки сари роҳи рушди он гардидаанд ва дар ин замина, илман коркард ва манзур намудани роҳу усулҳои ҳалли мусбӣ ва самараноки мушкилоти ошкоргардида иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки

дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва амалии соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва энергетика омода ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, ҳамчун асари мустақили илмӣ аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва қонунгузорӣ дорад. Хусусан, натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ҳосилгардидаро ҳангоми навиштани корҳои гуногуни илмӣ–таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ, инчунин ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷорат ва ҳуқуқи иқтисодӣ, инчунин фанҳои интихобӣ, курс ва семинарҳои махсус низ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот истифода намудан мумкин аст. Дар фаъолияти амалӣ бошад, натиҷаҳои илмии бадастомадаро зимни такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ вобаста ба танзими шартномавӣ, аз ҷумла танзими шартномавии таъмини барқ, инчунин дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти судӣ низ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои мушаххас истифода бурдан мумкин аст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**. Чи тавре, ки аз мазмуни диссертатсия (саҳ. 14) ва дастнависи автореферати он (саҳ. 12) бар меояд, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни масоил ва мушкилоти мавзӯи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба ҳисоб меравад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Муаллиф мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро чун қоида вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқот муайянгардида, ки мазмун ва моҳияти корро инъикос менамоянд, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар маҷмӯъ таҳлил ва баррасии диссертатсияи мазкур муайян менамояд, ки сохтор ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев С.А. ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ» аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автарефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки барои шарҳу тавзеҳи онҳо муаллифро мебояд, дар рафти ҳимояи ошкоро таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ба монанди:

1. Дар диссертатсия амалияи судӣ оид ба мавзуи илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст (саҳ. 113-118, 123-124). Аммо муаллиф таҷрибаҳои судиро вобаста ба вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ бо даъвои ташкилоти таъминкунандаи барқ ва бо ҷавобгарии муштариён мавриди истифода қарор додааст. Зимни навиштани рисолаи номзадӣ аз мадди назари муаллиф истифодаи амалияи судӣ бо даъвои муштариён ва ҷавобгарии ташкилоти таъминкунандаи барқ дур мондааст. Аз ҷониби муаллиф ба инобат гирифтани истифодаи амалияи судӣ бо даъвои муштариён ва ҷавобгарии ташкилоти таъминкунандаи барқ метавонист мазмуни корро бозҳам ғанӣ гардонад.

2. Дар доираи рисолаи номзадӣ аз ҷониби муаллиф дар баробари истифодаи адабиёти илмию таълимии олимони ватанию хориҷӣ, инчунин як қатор қонунҳоро оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда иқтибос овардааст. Аммо муаллиф дар матни диссертатсия номи қонунҳои соҳаро пурра овардааст ва дар иқтибосҳо танҳо Ахбори маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст (саҳ. 34). Аз ин рӯ муаллифро зарур буд ба хотири дурустии истифодаи иқтибосҳо аввал номи қонун ва баъд Ахбори маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон диҳад.

Зимнан, бояд дар назар дошт, ки камбудиҳои номбаршуда танҳо аз ҷиҳати илмӣ баҳснок ба назар мерасанд ва чунин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ баҳои умумии мусбии таҳқиқотро кам наменамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович, ба яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ бахшида шуда, дар он масъалаҳои ҳалталаб ва рӯзмарраи мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор гирифта, ҷиҳати ҳалли мусбии мушкилоти дар он муайнягардида, ки вобаста ба танзими шартномавии таъмини барқ мансубият доранд, таклифу пешниҳодоти судманди илмии назариявӣ ва амалӣ баён гардидааст. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур дар автореферати диссертатсия ба таври пурра ва ҳаматарафа инъикоси хешро пайдо намудааст. Таҳлил ва омӯзиши автореферат бошад, собит менамояд, ки дар он тамоми талаботи вобаста ба омода намудани автореферат, инъикос карда шуда, пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферататҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод шудааст.

**Суроға:** 734000, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
Телефон (992) 37 221-35-50
Факс (992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru,
Azamat011985@mail.ru

**Дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**
**ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)**
**Россия ва Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Пулатов А.С.**

**«Имзои Пулатов А.С.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**муассисаи таълимии байнидавлатӣ,**
**Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Алиев А.Ҷ.**